# МАНСУРИ СУРУШ





Гулистони ҷаҳон аз хандаи кӯдакон аст. Бигзор, лабони онҳо ҳамеша пурханда бошад.

# МАНСУРИ СУРУШ



2006с

Ме тоҷ 2
С-92

Китобхонаи ... Ҷумҳурии ... М. ...

13174

КИТОБРО ДАР МУҲЛАТИ ҚАЙДШУДА
БАРГАРДОНЕД

УП «Сннадвора»

Ҳамон баҳор айёми таътил дар қишлоқ будам. Дар меҳмонии бобоям. Рӯзи нахуст овозае шунидам, ки ҳамаро ба по хезонида буд: дар атроф гурги қаттоле пайдо шудааст.

Ҷои ҳайрат нест дар кӯҳистон даррандаҳо бошанд. Зимистон паи онҳоро рӯи барф, ҳатто назди ҳавлиҳо метавон дид, аммо баҳорон аҳён–аҳён, ин тариқ хунхор ҳам не. Шояд, аз ин рӯ ба ин воқеа аввалҳо бепарво буданд ва ниҳоят фаҳмиданд, ки ин гург, ки ба ҳикояташ оғоз хоҳем кард, на аз он гургҳост. Маккор ва ғаддор.

Вай ба оғилу қӯраҳои мардум даромада, то хуни охирин бузу гӯсфандони онҳоро нарезад, берун намебаромадааст. Мардум беҳуда намегуфтаанд: гург аз хун серӣ надорад. Ин гурги бӯр ва хунхӯр ҳақиқати ин мақолро ба тамом тасдиқ мекард.

Борҳо ба қасди ин махлуқи махуф кӯшидаанд. Вале ҳар бор даррандаи ҳушёру маккор ҷон ба саломат мебурдааст. Вақтҳои охир шабохуни он аз ҳад фузуда ва ҳар субҳ қирони чорвои мардум шуда, ки акнун сар то сари қишлоқ воҳимаи гург, гурги ба даст овარданаш муҳол буд. Ин аҳвол тоқати ҳама тоқ мекард.



Бобоям ҳангоми наҳор гуфт:

–Биравам, Ғаюрро пайдо кунам. Чорае бояд ҷуст.

Мани ҳангоматалаб ва бобоям ба ҷустуҷӯи Ғаюр баромадем. Бисёр накофтем. Ғаюрро зери дарахти серсоя, рӯи суфае ёфтем, ки дар ин ҷо фақат мардон ҷамъ меомаданд.

Ғаюр марди таҳамтану ботаҳаммуле буд. Тахмин панҷоҳсола менамуд. Чеҳрае дошт байзоӣ ва пешонае барҷаста ва зери он чашмоне пур аз виқори нимкоф. Дастони дарози пурпаяш рӯи зонувонаш фурӯ афтода. Бисёр гап намезад, балки нӯки мӯилаби малларангашро газида–газида, бештар гӯш мекард.





Ҳамроҳи Ғаюр боз чанд нафаре рӯи суфа чаҳорзону нишаста буданд. Аз паҳлӯи онҳо нишастан ҳамоно шунидем, ки шабҳангом он гурги хунхор гӯсолачаи аз пода мондаро дошта, пора–пора кардааст.

Бобоям сар аз сукут бардошта, гуфт:

–Дигар ҳама умеди мо ба ту, Ғаюр. Ин балоро бояд аз сари қишлоқ дафъ кард.

Ғаюр хомӯш буд. Ҳамчунон хомӯш аз кисааш носкадуе бароварда, даҳанакашро боз кард, рӯи кафаш ҳаббае нос рехт ва якбора зери забон партофт.

Рӯи суфа нишастагон Ғаюрро бовар мекунониданд, ки танҳо ӯ метавонад аз ӯҳдаи ин кор барояд ва даррандаи хунхорро маҳв намояд.

Ғаюр андаке тоб хӯрда, носашро туф кард. Ором ҷавоб дод:

–Ман шикамашро кайҳо чок мекардам–куя, аммо... Афсӯс, ки қасам хӯрдаам охир. Инро ҳама нағз медонед.

Қасам хӯрдани ӯро тамоми қишлоқ медонист. Ман низ шунида будам.





Ғаюр пайгир ва шикорчии мумтозе буд. Дар атроф мисли ӯ нишонзани моҳир ёфт намешуд. Ин марди пуртоқату нирӯманд тамоми кӯҳҳои атроф ва ҳар як буттаву пайроҳаҳои онро нағз медонист. Шикораш ҳамеша барор мекард. Қариб, ки бо дасти хушк барнамегашт.

Шикорчиён дигар ҳасад мехӯрданд, ки чаро чун Ғаюр нестанд. Аммо оғози ҳама чизро зуд, ё дер анҷоме будааст. Чунончи Ғаюр ҳам якбора аз баҳри шикор баромад. Даст аз тиру туфанг кашид.

Сабаби ин ҳама зани соҳибҷамолаш Савсан буд. Вай ризои шикори шавҳараш набуд. Ҳаргиз намехост, ки шикор равад, сайд бикунад. Агар зани дигар мебуд, чӣ гуна шод мешуд. Охир Ғаюр мурғаку–пурғакчаҳоро не, балки бузҳои калон–калони кӯҳиро шикор мекард. Аммо Савсан, ки ниҳоят дили нозук дошт, тоқати инҳо надошт.



Аз дур қомати Ғаюр намудор шуд. Дар даст чӯбдасте дошт дароз ва нӯктези ба найза монанд.

Ҳарчанд метарсидем, лекин наздик шудем ва ниҳоят гургро ҳам дидем. Пои ақибаш ба дом сахт афтода буд.

Гурги калони бӯр чашмони зард дошт. Мӯи пушти гардану рӯи шонаҳояш сих мезад. Хокқандаи атрофаш гувоҳӣ медод, ки даррандаи ба дом афтода, басо зӯр задааст, то раҳо ёбад.

Ғаюр қадаме пеш ниҳод, бонге аз қаҳр бизад. Сипас, чӯбдасти худро бо тамоми зарба ба паҳлӯи гург фурӯ хаст. Гург бо ҳамчунон хашме, ки бар ӯ дошт, сӯяш дандон андохт.

Акнун зарбаҳо паи зарбаҳо фурӯ мерехтанд. Ин зарбаҳо басо баҷо ва бехато буданд. Гург худро гоҳ ин сӯ ва гоҳ он сӯ мезад. Ҷон меканд, то аз зарбаҳои ӯ бираҳад. Гоҳо чӯбдастašро ҳамчунон сахт мегазид, ки ғиччироси дандонҳои тезаш шунида мешуд.

Ногоҳ зарбае ба чашми гург расид, ки аз косахонааш фурӯ ғалтид. Гург бинолид ва бо тамоми ҷуссааш дароз кашид. Дар ин ҳол низ саъй мекард то душмани қаттолашро чангол бизанад, ки чун балои ногаҳонӣ ба сараш омада буд.

Бо азобе чашм аз гург канда ба Ғаюр нигоҳ кардам. Арақ ҳамвора аз сару рӯи ӯ мерехт. Чеҳрааш аз хашм гирифта буд. Ҳеҷ наметавонистӣ бишнохт. Чашмонаш аз ғазаб дар мегирифтанд. Ҳамвора ба хашм меомад. Даррандаи афтодаро азоб медоду азоб.

Дар назарам акнун аз китфони Ғаюр калаи гург мебаромад, бо ҳамчунон дандонҳои арра–арраи тезаш, ки ғиччирос мезаданд. Хир–хири хафиф ва пур аз хашм аз гулӯяш фурӯ мерехт.

Ҳанӯз соате нагузашта рамақе дар ҷони гург намонда буд. Аз захмҳояш ҷӯя–ҷӯя хун метаровид ва дар замин нақш мебаст. Дар ин миён атрофи қӯра мардуми зиёде ҷамъ мешуданд. Аммо аксари онҳо гиҷу карахт менамуданд, магар чунин манзараи мудҳишро ҳеҷ надида буданд.

Ниҳоят овозе баланд шуд, ки тоқати ин ҳама надошт:

–Бас аст акнун. Корашро тамом кун.

Ғаюр акнун ба гург наздик омада, чӯбдасти худро баландтар бардошт, ва қабл аз охирин зарбаи муҳлик лаҳзае таваққуф намуд.



13174.

Ман якбора пушти сари худ гаштам. Ҷониби қишлоқ давидам. Ашк аз чашмонам ҷорӣ мешуд.

Он вақт ҳарчанд хурд будам, аммо ҳамон рӯз дарк намудам, ки ҳатто ба душмани афтода ҳам бояд мардӣ кард.



# Мансури СУРУШ
# "Гург"
## (ҳикоя )


**ТҒД «Истиқбол», 2006с**
**хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16**

Мутарҷим: Юсуфҷон АҲМАДЗОДА
Муҳаррир: Латофат КЕНҶАЕВА
Мусаввир: Римма ПОЛУХИНА
Мусаҳҳеҳ: Ганҷина МУЛЛОҶОНОВА
Ороиш: Римма ПОЛУХИНА
Тарроҳ: Компони РАҲМОНЗОД

Ба чоп супорида шуд 15/XII/2006с. Имзо шуд 20/XII/2006с.
Андозаи 60x84 1/8. Теъдод 2500. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,0.

Интишороти «Mega» (Туркиё)